КУМИТАИ ЗАБОН ВА ИСТИЛОҲОТИ НАЗДИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ - АМАЛӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ТАҲТИ УНВОНИ «ИСТИҚЛОЛ ВА РУШДИ ЗАБОНИ МОДАРӢ»

(20-уми феврали 2024)

21

ФЕВРАЛИ



*«Забони тоҷикӣ дар Осиёи Марказӣ ва дунё волотарин меросест, ки аз ҳазорсолаҳои дур чун дурдонаҳои пок то давлати соҳибистиқлоли тоҷикон омада расидааст».*

*Эмомалӣ Раҳмон*



РӮЗИ
БАЙНАЛМИЛАЛИИ
ЗАБОНИ МОДАРӢ

ДУШАНБЕ 2024

КУМИТАИ ЗАБОН ВА ИСТИЛОҲОТИ НАЗДИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ - АМАЛӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ТАҲТИ УНВОНИ

# «ИСТИҚЛОЛ ВА РУШДИ ЗАБОНИ МОДАРӢ»

(20-уми феврали 2024)

РЎЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ МОДАРЇ МУБОРАК БОД!

International Mother Language Day at UNESCO
Multilingual education, a pillar of learning.

Международный день родного языка в ЮНЕСКО
Многоязычное образование – основа обучения.

Рӯзи байналмилалии забони модарӣ дар ЮНЕСКО
Тањсилоти чандзабона - рукни асосии таълим.

21

ФЕВРАЛИ



РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ
ЗАБОНИ МОДАРӢ

ДУШАНБЕ 2024

# КУМИТАИ ЗАБОН ВА ИСТИЛОҲОТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ - АМАЛӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ТАҲТИ УНВОНИ

## «ИСТИҚЛОЛ ВА РУШДИ ЗАБОНИ МОДАРӢ»

(20-уми феврали 2024)

Њамкасбони азиз, њозирини гиромї!

Бояд зикр намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари Рӯзи забон - 5 октябр, ки ба ифтихори қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатӣ таҷлил карда мешавад, ҳамасола 21 феврал Рӯзи байналмилалии забони модарӣ низ дар тамоми кишвар ва берун аз он мувофиқи қарори Сессияи 30-уми Конференсияи Генералии ЮНЕСКО (аз 17 ноябри соли 1999) Рӯзи байналмилалии забони модарӣ дар тамоми дунё ҷашн гирифта мешавад.
Имсол ин љашнвора дар тамоми љањон тањти шиори «Тањсилоти чандзабона - рукни асосии таълим” таљлил мегардад.
Мувофиќи маълумоти коршиносони созмони байналмилатии фарњангии ЮНЕСКО имрӯз 40% аҳолии ҷаҳон ба таҳсил бо забоне, ки онҳо ҳарф мезананд ё мефаҳманд, дастрасӣ надоранд. Дар баъзе кишварҳо ин рақам ба беш аз 90% мерасад.

Тањлилњо ва пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи забон(ҳо)-и модарии хонандагон дар мактабҳо заминаи мустаҳкам барои омӯзиш фароҳам меорад, ба худшиносӣ ва малакаҳои тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунад ва дари омӯзиши байни наслҳо, эҳёи забон ва ҳифзи фарҳангро боз мекунад. ва мероси ғайримоддӣ.

Таҷлили Рӯзи байнулмилалии забони модарӣ аз ҷониби ЮНЕСКО дар соли 2024 аҳаммияти татбиқи сиёсатҳо ва амалияи таълими бисёрзабонаро ҳамчун рукни асосии ноил шудан ба Ҳадафи 4-уми Рушди Устувор, ки таҳсилоти фарогир, босифат ва омӯзишро дар доираи Даҳсолаи байналмилалии забонҳои бумӣ (2022 – 2032) барои ҳамаи кишварњо таќозо мекунад, таъкид хоҳад кард.

21

ФЕВРАЛИ



РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

ДУШАНБЕ 2024

КУМИТАИ ЗАБОН ВА ИСТИЛОҲОТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ - АМАЛӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ТАҲТИ УНВОНИ

# «ИСТИҚЛОЛ ВА РУШДИ ЗАБОНИ МОДАРӢ»

(20-уми феврали 2024)

Мақсаду мароми ин ҷашн, пеш аз ҳама:
- таваҷҷуҳи оламиёнро ба гуногунрангии забонҳо ва рушду инкишофи онҳо ҷалб намудан;
- дар заминаи таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмию муколама ба наздикшавию ҳамкории мутаќобилаи миллатҳои гуногун мусоидат кардан;
- ва ҳамзамон, тарғибу ташвиќи гуногунрангии байнифарҳангӣ ва байнизабониро ба роҳ мондан;
- ба падидаҳои дузабонӣ (билингвизм) ва бисёрзабонӣ (полилингвизм, мултилингвизм) эҳтиром гузоштан;
- ба рушду нумуи забонҳои ақаллиятҳои миллӣ мусоидат намудан;
- таҳқиқу омӯзиш ва ҳифзу интишори забонҳои хурду реза (ақаллиятҳои забонӣ)-ро ҳамаҷониба дастгирӣ намудан ва ғ. ба шумор меравад.

Дар идораю муассисањои кишвар низ ҳар сол дар ин рӯзи муборак бо иштироки намояндагони гуногуни ақаллиятҳои миллӣ ва ақаллиятҳои забонї дар арафаи ин ҷашн мулоқотњои сатњи гуногун доир мегардад.
Ҳадаф аз баргузории ин њамоишњо тақвияти робитаҳо дар ҳифз, густариш ва гиромидошти забони модарӣ мебошад.
Албатта, барои ҳар як фард донистани забони модарӣ эҳтиром ба миллат ва гузаштаи хеш буда, инсонро ба рисолати азалӣ мепайвандад.
Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти арҷгузорӣ ба забони модарӣ ва бузургиву неруи воқеии он таъкид менамоянд, ки: “Забони модарӣ хишти нахустини пойдевори кохи миллат ва яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллӣ мебошад.”

21

ФЕВРАЛИ



РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

ДУШАНБЕ 2024

КУМИТАИ ЗАБОН ВА ИСТИЛОҲОТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ - АМАЛӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ТАҲТИ УНВОНИ

# «ИСТИҚЛОЛ ВА РУШДИ ЗАБОНИ МОДАРӢ»

(20-уми феврали 2024)

Забони модарӣ инъикоскунандаи фарҳангу маърифати ҳар як миллат маҳсуб гардида, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари забони давлатӣ барои истифодаи озоди забонҳои модарии намояндагони дигар миллату халқиятҳои сокини кишвар низ тамоми шароит ва заминаҳои ҳуқуқӣ муҳайё гардидаанд.

Ҳифзи гуногунзабонӣ ва ҳимояву рушди тамоми забонҳои дунё гуногунрангии фарҳангу тамаддуни мардумони оламро дар сайёра тақозо мекунад, зеро ин ҳама ғановати тамаддуни оламиён аст.

Эҳтиром ба забони модарии худ, фарҳанг ва тамаддуни хеш эҳтиром ба тамаддуни дигар инсонҳоро нишон дода, решаи дӯстии инсонҳоро ба вуҷуд меоварад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ забони модарии мо мақоми давлатӣ касб намуда, барои фароҳам омадани таъмину таҳияи як қатор заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат намуд.

Имрӯз ин забон забони расмии нишастҳо ва коргузории вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо мебошад.

Ҳамзамон, ҳифзу густариши забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) ва яғнобӣ низ аз ҷониби давлат ва ҳукумати кишвар аз мадди назар дур намондааст.

Таћлилићо нишон медићанд, ки имрўзћо дар мамлакат 11 забон дар маърази хатар қарор дорад ва масъала моро водор месозад, ки барои ҳимоя ва густариши ин забонҳо иқдомҳои заруриро саривақт амалӣ намоем.

Ҳарчанд ки дар баъзе ҷанбаҳои ин масъала як қатор корҳои судманд анҷом дода шуда бошад, ҳам вале он ҳанӯз ҳам, ба андешаи мо, қаноатбахш нестанд.

21

ФЕВРАЛИ



РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

ДУШАНБЕ 2024

# КУМИТАИ ЗАБОН ВА ИСТИЛОҲОТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ - АМАЛӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ТАҲТИ УНВОНИ

## «ИСТИҚЛОЛ ВА РУШДИ ЗАБОНИ МОДАРӢ»

(20-уми феврали 2024)

Моро зарур аст, ки аз ҳисоби намояндагони ин забонҳо мутахассисони заруриро омода карда, барои ҳифзи ин ганҷинаи бебаҳои миллат тадбирҳои саривақтиро бештар анҷом диҳем.

Қобили зикр аст, ки имрӯз дар кишвари азизи мо дар баробари тоҷикон намояндагони дигар кишварҳо аз ҷумла, русҳо, ӯзбекон, қирғизон, қазоқон, туркманҳо, бошқирдҳо ва ғайраҳо зиндагӣ мекунанд. Мутобиқи маълумоти Ҷамъияти "Дӯстии халқҳо" то ба имрӯз 16 ташкилоту муассиса ва ҷамъияту марказҳои ақаллиятҳои миллии сокини Тоҷикистон амал мекунад.
Албатта аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ақаллиятҳои сокини кишвар заминаҳои муҳимми ҳуқуқӣ шароит фароҳам оварда шудааст.
Дар бахши такмили барномаҳои таълимии забони давлатӣ барои ақаллиятҳои миллӣ, таъсиси марказҳои омӯзиши забони давлатӣ дар маҳалҳои зисти ақаллиятҳои миллии сокини ҷумҳурӣ, ҳамчунин, омода кардани муаллимони фанни забони давлатӣ барои мактабҳои ғайритоҷикӣ аз ҳисоби намояндагони ин забонҳо то ба имрӯз аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдомҳои судманди зиёде амалӣ шуда истодааст.
Мавриди зикр аст, ки ҳукумати кишвар дар баробари забони давлатӣ барои таълиму омӯзиши забонҳои ақаллиятҳои миллии муқими Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст ва ҳамзамон, бобати ҳифзи асолати забон ва фарҳанги онҳо шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.
Имрӯз дар ҷумҳурӣ ба забони ақаллиятҳои миллӣ барномаҳои радио ва телевизион фаъол буда, ба бештари ин забонҳо рӯзномаву маҷаллаҳо нашр мешаванд, яъне мо ба ҳамаи забонҳо ва фарҳангҳои кишварамон арҷ мегузорем.
Дар кишвар барои қавму миллатҳои дигари Тоҷикистон имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд, то ки ба забони модариашон таҳсил кунанд, расму оин ва анъанаҳои миллии худро давом диҳанд.

21

ФЕВРАЛИ



РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

ДУШАНБЕ 2024

## КУМИТАИ ЗАБОН ВА ИСТИЛОҲОТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ - АМАЛӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ТАҲТИ УНВОНИ

# «ИСТИҚЛОЛ ВА РУШДИ ЗАБОНИ МОДАРӢ»

(20-уми феврали 2024)

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти муҳтарами мо – Эмомалӣ Раҳмон мо соҳибзабононро пайваста баҳри посдории асолати забону фарҳангамон даъват намуда. дар суханрониҳои худ хирадмандона зикр намудаанд: «Дӯст доштан ва қадр кардани забони модарӣ ҳаргиз маънои бо он маҳдуд шудан ва аз омӯхтани забонҳои хориҷӣ даст кашидани шаҳрвандони моро надорад».

Мувофиқи маълумоти коршиносон дар ҷаҳон ҳоло наздики ҳафт ҳазор забон мавҷуд аст, ки 90 дар сади онҳо эҳтимолияти дарояндаи наздик аз байн рафтанро доранд.

Коршиносон бар он ақидаанд, ки ҳамасола ба таври ноайён аз харитаи забонҳои ҷаҳон 10 – 12 забон аз байн меравад, яъне забонҳои бузург забонҳои хурдро ба коми худ фурӯ мебаранд.

Агар ба назар гирем, ки забонҳо нафақат арзи ҳастӣ мекунанд, балки аз байн ҳам мераванд, - таъкид менамояд Котиби генералии созмони байналмилалии фархангии ЮНЕСКО – пас мо вазифадорем, ки барои муҳофизат ва нигоҳдории ин ҳама сарвати бебаҳои фарҳангӣ ҳар кореро, ки аз дастамон меояд ба иҷро расонем».

Феълан, дар мамлакат аҳолии манотиқи гуногунро ном бурдан мумкин аст, ки ин вазъи дузабонӣ билингвизм ва полилингвизм – мултилингвизм - биёрзабониро ҳифз намудаанд.

Ба вижа дар навоҳии минтақахои мазкур мардум аксарият тоҷикзабон мебошанд ва дар баробари забони модарӣ забонхои қирғизӣ, туркманӣ, узбекӣ ва русиро низ медонанд ва бидуни мушкилӣ бо ҳам суҳбат мекунанд.

Дар кишвар дар баробари забони миллӣ, ки мақоми давлатиро соҳиб аст, омӯхтани забони русӣ чун забони муоширати байни миллатхо то андозае густариш ёфт ва ин василае гашт бобати огоҳӣ пайдо намудан аз ҳаводиси ҷаҳон, адабиёти илмию бадеии ҷаҳонӣ ва ин ба шаҳрвандон бобати воридшавӣ ба фазои иттиллоотии чахонӣ шароити хубе омода месозад.

21

ФЕВРАЛИ



РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

ДУШАНБЕ 2024

КУМИТАИ ЗАБОН ВА ИСТИЛОҲОТИ НАЗДИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ - АМАЛӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ТАҲТИ УНВОНИ

# «ИСТИҚЛОЛ ВА РУШДИ ЗАБОНИ МОДАРӢ»

(20-уми феврали 2024)

Дар баробари забони русӣ забонхои англисӣ, олмонӣ, арабӣ, чинӣ ва ғ. доираи истифода ва густариши васее пайдо намуда истодаанд.
Қобили қайд аст, ки имрӯзҳо масъалаи забон ба ҳайси яке аз рукнҳои муҳими сиёсати дохилии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.
Давлат безабон вуҷуд дошта наметавонад ва забон шиносномаи давлат, яке аз муқаддасоти асосии он ба шумор меравад.
Бо дарназардошти раванди љањонишавї ва таъсири бевоситаи технологияи иртиботию иттилотї таваҷҷуҳи давлат нисбат ба забон ва таќдири ояндаи он беш аз ҳарвақта афзун мешавад, зеро забон нишонаи муҳимтарини Истиқлолият, Ваҳдат ва соҳибфарҳангиву соҳибдавлатї ба шумор меравад.

21

ФЕВРАЛИ



РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

ДУШАНБЕ 2024